*ТДУ 37.0*
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-95-101***

***ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ - ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОР***

***Ғоибов Камолиддин Шарофиддинович,*** *н.и.п., сармуаллими кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ;**Мирамонзода Раҳимбердӣ,** докторанти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ПСИХОЛОГО - ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ ОСОБЕННОСТИ ТВОРЧЕСКИХ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЯ***

***Гаибов Камолиддин Шарофиддинович,*** *к.п.н., старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии;**Мирамонзода Рахимберди,** докторант кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафуров» (Таджикистан, Худжанд)*

***PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL FEATURES OF CREATIVE ACTIVITY OF A TEACHER***

***Goibov Kamoliddin Sharofiddinovich,*** *candidate of pedagogical sciences, senior teacher of Department of Social and Professional Psychology,**E-mail:** gaibov-87@mail.ru*; ***Miramonzoda Rakhimberdi****, doctoral student of the Department of Social and Professional Pedagogy of SEI "Khujand State University named after acad.B. Gafurov" (Tajikistan,Khujand),*
***E-mail:*** *miramonzoda@bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *фаъолияти эҷодӣ, такти педагогӣ, раванди таълим, маҳорати педагогӣ, хусусияти иҷтимоӣ, муносибати ғайриқолабӣ*

*Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами педагогика – ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Фаъолияти эҷодии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз навтарин дастовардҳо ва усулҳои мухобиравӣ, инчунин имкони истифодаи фаъолияти эҷодӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва аҳамияти он барои рушди равонии кӯдакон ҳамаҷониба баррасӣ карда мешавад. Ҷузъи зарурии фаъолияти эҷодии омӯзгор ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва хонандагон мебошад. Дар мақола ҷанбаҳои равонию педагогии нокомии хонандагон низ баррасӣ шуда, роҳҳои бартараф кардани он дар раванди таълим пешниҳод шудааст. Муаллифон нишон медиханд, ки талаботи халкунанда нисбат ба муаллим ин аст, ки у дорои кобилияти махсуси педагоги мебошад, ки ҷузъи асосии сифатҳои шахсии ӯ ба шумор меравaнд, аз қабили суннатпазирӣ, созмондиҳӣ, дарк, иртиботӣ ва ғайра. Дар сифатҳои касбии омӯзгор мавҷудияти қобилиятҳои педагогӣ, аз қабили эҷодкорӣ, таъсири эҷодӣ ва худомӯзии эҷодӣ, ки дар марҳилаи кунунӣ дар низоми маориф аҳамият ва аҳамияти истисноӣ пайдо мекунад, омили ҳалкунанда мебошад.*

***Ключевые слова:*** *творческая культура, педагогический такт, учебный процесс, педагогическое мастерство, социальные особенности*

*Статья посвящена одной из актуальных проблем педагогики – формированию творческих способностей учащихся младших классов. Всесторонне рассмотрена творческая деятельность учителей начальных классов с использованием новейших разработок и интерактивных методов, а так же возможности использования творческих видов деятельности в системе начального образования и её значение для психического развития детей.Необходимым компонентом творческой деятельности учителей является взаймодействие между учителем и учениками. Также в статье рассматриваются психолого-педагогические аспекты неуспеваемости учеников и предлагаются пути для её преодоления в учебном процессе. Автор указывает – решающим требованием к педагогу является наличие у него особых педагогических способностей, представляющих собой главную составляющую его личностных качеств, таких как – сугестивные, организаторские, порцептивные, коммуникативные и тд. В профессиональных качествах педагога решающим фактором является наличие педагогических способностей, таких как – творческие способности, творческое воздействие и творческое самоучение, которые на современном этапе преобретает исключительно важное значение и актуальность в системе образования.*

***Key words:*** *creative culture, pedagogical tact, educational process, pedagogical skill, social characteristics, consciousness, pedagogical interaction, pedagogical attitude, cognitive processes, educational technologies, creative thinking, pedagogical action, consoept, pedagogical creativity, pedagogical theory, creative labor, pedagogical work, practice, constructiveness, creative activity, creative teacher, communicative activities, art of education, creative cooperation*

*The article is devoted to one of the urgent problems of pedagogy – the formation of creative abilities of primary school students. The creative activity of primary school teachers using the latest developments*

*and interactive methods, as well as the possibilities of using creative activities in the primary education system and its significance for mental development are comprehensively reviewed in this article. The necessary component of the creative activity of teachers is the interaction between the teacher and students. The article also discusses the psychological and pedagogical aspects of students' academic failure and recommends the ways of its solution in the educational process. The author indicates that the decisive requirement for the teacher is having special pedagogical abilities that are the main component of his personal qualities, such as suggestive, organizational, transceptive, communicative, etc. The key professional quality of a teacheris having pedagogical abilities, such as creative abilities, creative impact and creative self -teaching, which at the present stage are extremely important and relevant in the education system.*

Фаъолияти омӯзишию маърифатӣ ва таълимӣ аз руйи хусусияти худ фаъолияти эҷодист. Он раванди омӯхтан ва таълим додан – ду шакли ба ҳам алоқаманди фаъолияти хонанда ва омӯзгорро дар бар мегирад, ки хусусияти дутарафаи раванди таълимро инъикос менамояд. Маҳз ҳамин ду шакл ба сифати ду тарафи раванди таълим имрӯз таваҷҷуҳи носеҳонро (дидактҳо), педагогон ва психологонро ҷалб менамоянд, ки онҳоро ҳамчун фаъолияти ба ҳам алоқаманди омӯзгор ва хонанда баррасӣ менамоянд ва ҳатто нисбат ба раванди таълим аз истилоҳи "дутоӣ" (бинарность) истифода мебаранд.

Чунин дидгоҳ нисбат ба ҳамкории имрӯзаи омӯзишию педагогии омӯзгор ва хонанда маъмул мебошад. Раванди таълим ягонагии фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва фаъолияти хонандагон аст, ки барои ҳадафи умумӣ – мусаллаҳ кардани хонандагон бо донишҳо, маҳорату малака, ҳамчунин инкишофу тарбияи онҳо нигаронида шудааст. Дар ин замина ҳатто нақши роҳбарикунанда ва ҳидояткунандаи омӯзгор дар раванди таълим муайян шуда, фаъолияти хонанда таҳти роҳбарии омӯзгор дар ҷодаи фаро гирифтани донишҳо ва рушди зеҳнӣ самт мегирад.

Таълим бидуни фаъолияти ҳамзамонии омӯзгор ва хонанда, бидуни ҳамкории дидактикии онҳо ғайриимкон аст. Бинобар ин дар раванди таълим на танҳо таъсири одии педагог ба хонанда, балки маҳз ҳамкории онҳо, ягонагии таъсироти таълимӣ ва шахсиятии ӯ, инъикоси ботинии ин таъсирот аз ҷониби омӯзгор, кӯшишҳои мустақилонаи хонанда барои фарогирии донишҳо, маҳорату малакаҳо, унсурҳои муайяни тарбия ва рушд рӯй медиҳад. Ин нукта собит менамояд, ки раванди таълим на маҷмӯи механикии ташкили таълим (фаъолияти омӯзгор) ва омӯзиш (фаъолияти хонанда ё коллективи хонандагон), балки падидаи сифатан наву томест, ки моҳияти он дар ҳамкории эҷодии дидактикӣ таҷассум ёфта метавонад.

Барои рушду такомули фаъолияти муштараки омӯзгор ва хонанда якчанд шакли муҳимтарини ҳамкорӣ мавҷуданд, ки инҳо:

- робитаи мақсадноки падидаҳо;
- ҳамбастагии онҳо, ки яклухтиро ба миён меорад;
- тасаввуроти бою рангин оид ба ташкили кори таълим;
- ҳамфикрӣ бо хонандагон дар ҷараёни дарс.

Ҳамкорӣ дар раванди таълиму тарбия хусусияти иҷтимоӣ дорад, зеро якҷоя амал кардани омӯзгор ва хонандагон ба соҳаи фаъолияти амалии одамон дахл дорад. Хусусияти иҷтимоии амалияи инсон, муоширати байни одамон ва ба ин васила ҳадафмандии бошууронаро дар раванди фаъолияти якҷоя пешбинӣ менамояд.

Ин нукта дуруст аст, ки "амалиёти якҷояи омӯзгору хонандагон, ҳамдигарфаҳмии онҳо ба тағйироти сифатӣ дар ташаккули шахсият оварда расонад"[6,с.12].

Ба ҳам таъсиррасонии иштирокдорони раванди педагогӣ бо сабаби умумӣ будани ҳадафу вазифаҳо ва ҳамкорӣ, аз ҳамдигар баҳра бурданро пешбинӣ менамояд. Истилоҳи "ҳамтаъсирии педагогӣ" ягонагии таъсироти педагогӣ, фаъолмандии тарбиятгирандаро дар бар мегирад, ки дар таъсироти мустақим ё ғайримустақими ҷавобӣ ба педагог зоҳир мешавад. Бинобар ин, мафҳуми "ҳамтаъсирии педагогӣ" нисбат ба "таъсироти педагогӣ" ва ҳатто "муносибати педагогӣ" васеътар аст, зеро он аллакай натиҷаи якҷоя амал кардани педагог ва хонандагон аст" [6,с.21].

Фаъолияти муштараки педагогӣ дар раванди таълим дар сурати таъсир расонидан ба олами ботинии хонандагон (эҳтиёҷот, майлу рағбати онҳо) натиҷаҳои мусбат медиҳад, ки дар эҷоди ҳамҷоя ба даст овардан мумкин аст.

Бо назардошти нуктаҳои зикршуда эҷоди педагогиро мо аз дидгоҳи фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда, ҳамкории муштараки онҳо баррасӣ менамоем. Бар асоси ин мабнои мафҳумӣ мо зоҳир гардидани эҷоди педагогиро дар таълим ва тарбия пайгирӣ менамоем. Бояд

гуфт ки эҷодкории педагогӣ хусусиятҳои худро дорост ва мундариҷаи он аз офаридан (ташкил, тарбият)-и инсоне, ки ҳамеша нотакрор ва беҳамтост, иборат аст.

Воқеан, фаъолияти омӯзгор табиатан моҳияти эҷодӣ дорад, ки дар асл хеле гуногун аст. Он ҳалли шумораи беохири масъалаҳои маъмулӣ ва ғайримаъмулии педагогӣ бо муносибати ғайриқолабӣ; коркарди методҳо, шаклҳо, воситаҳои таълим; татбиқи таҷрибаи пешқадам дар шароити нав; маҳорати ворид кардани тавсияҳои методӣ, матлабҳои назарияи педагогӣ ба амалиёти мушаххаси педагогӣ; такмил додан, навсозии чизҳои маълум дар шароити мавҷуда ва бунёди низомҳои наву самарбахши таълиму тарбияи хонандагон мебошад.

Агар зуҳуроти гуногуни фаъолияти эҷодии омӯзгорро гурӯҳбандӣ намоем, ду шакли асосии онро муайян кардан мумкин аст:

1. Татбиқи воситаҳои маъруфи таълим дар ҳамбастагиҳои нав нисбат ба вазъияти педагогие, ки дар раванди таълиму тарбия ба миён меоянд, ҷорӣ кардани дастовардҳои илми педагогика ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар амалияи имрӯза.

2. Коркарди воситаҳои нав вобаста ба вазъияте, ки бо ҳаммонанди онҳоро омӯзгор пештар сару кор дошт.

Ин шаклҳои сатҳи зуҳурёбии эҷодкории омӯзгорон дар раванди таълим аз ҳам тафовут доранд.

Педагоги маъруфи шӯравӣ В.А.Сухомлинский вижагиҳои зуҳури шакли якуми эҷоди педагогиро дар кори омӯзгор дуруст муайян кардааст.Вай менависад, ки “... амалӣ намудани ҳақиқати илмӣ дар таҷрибаи зиндаи меҳнати эҷодӣ соҳаи мураккабтарини ба ҳам иртибот пайдо кардани илм ва амалия мебошад. Бозёфте, ки дар рафти омӯзиш амалӣ шудааст, вақте ки дар муносибатҳои тарафайни одамон ҷон мегирад, дар авҷи зиндаи фикру эҳсосот дар назди омӯзгор ҳамчун масъалаи мураккабе падидор мешавад, ки онро бо роҳҳои гуногун ҳал кардан мумкин аст ва дар интихоби восита, таҷассуми ҳақиқати назариявӣ дар фикру эҳсосоти инсонӣ меҳнати эҷодӣ ифода меёбад” [13,с.89].

Дар воқеъ, дар раванди таълим омилҳои зиёде ба ҳам алоқаманд гардида, якҷоя амал мекунанд, вазъияти такрорнашавандаи педагогие ба миён меоянд, ки омӯзгор пешбинӣ карда наметавонад. Ҳамин чиз фаъолияти эҷодии омӯзгорро вусъат мебахшад, ки ҳар дафъа масъалаҳои типии педагогиро дар вазъи нав ҳал кунад ё масъалаҳои навро дар вазъияти типӣ пешниҳод намояд. Ин масъалаҳоро ҳал карда, омӯзгор шаклҳои нави таълимро ба вуҷуд оварда метавонад, воситаҳои маълумро ба тарзи нав ё воситаҳои кӯҳнаро дар ҳамбастагии нав татбиқ менамояд.

Эҷоди педагогии омӯзгор ба вусъату амиқрафти аз ҷониби ӯ фаро гирифта шудани тамоми маҷмӯи донишҳои педагогӣ – дониши асосҳои фаннӣ қонунияти раванди педагогӣ, асосҳои психологии онҳо вобаста мебошад. Эҷод ба дараҷаи вусъати фарҳанги педагогӣ вобаста аст.

Ф. Шарифзода фарҳанги педагогиро бо фаъолияти эҷодии омӯзгор алоқаманд намуда, муҳим мешуморад, ки “... омӯзгор ба масъалаҳои мураккабтарини илме, ки дар мактаб таълим медиҳад, ба масъалаҳое, ки афкори илмии пешқадамро муаррифӣ менамоянд, сарфаҳм равад.Агар шумо фанни математикаро таълим диҳед, бояд аз ҷузъиёти хурдтарини он огоҳӣ дошта бошед, назарияи майдонро хуб донед, оид ба дурнамои инкишофи энергетика ҳадди ақалл тасаввуроти умумӣ дошта бошад. Ба ин эрод гирифтан мумкин аст: ба омӯзгор донистани он чизе, ки дар дарсҳо омӯхта намешавад ва бевосита бо маводи дар мактаби миёна омӯхташаванда иртибот надорад, чӣ зарурат дорад? Барои он ки дониши барномаи мактаб барои омӯзгор асосҳо, алифбои ҷаҳоншиносии ӯ буданд. Вақте ки ҷаҳонфаҳмии ӯ нисбат ба барномаи мактаб густурдатар аст, танҳо дар ҳамин сурат ӯ устоди ҳақиқӣ, мусаввир, шоири раванди педагогӣ мегардад [14, с.12-13,с.18].

Фарҳанги педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки раванди таълимро мушоҳида карда, аз мавқеи илмӣ онро таҳлил намояд, ки ба андӯхтани далел педагогӣ, дарки далелҳо дар низоми донишҳои педагогӣ бошад – ба пурра гардонидан ва такмил додани раванди таълим боис мешавад. Аксар таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки натиҷаи ҷустуҷӯи эҷодии мактаб ва омӯзгорон буда, далелҳои нави педагогӣ ошкор менамояд, арзишҳои педагогиеро, ки пештар ба илм ва амалияи педагогика номаълум буданд, ба вуҷуд меорад ё вобаста ба вазифаҳои имрӯзаи таълиму тарбияи бачагон шаклҳо, методҳо ва воситаҳои кори таълиму тарбияро таҷдид менамояд.

Соҳаи татбиқи эҷодкории педагогӣ бо сохтори қисматҳои асосии амалияи педагогӣ муайян мегардад. Дар адабиёти педагогӣ қисматҳои зерини фаъолияти омӯзгор муқаррар шудаанд:

фаъолияти созанда, фаъолияти ташкилӣ, фаъолияти коммуникативӣ, фаъолияти гностикӣ. Ба воситаи қисматҳои фаъолияти омӯзгорон таҷассум ёфтани эҷоди педагогиро баррасӣ менамоем:

Фаъолияти созанда (конструктивӣ)-и омӯзгор фаъолиятест, бо интихоб, ҷобаҷогузорӣ, тарҳрезии маводи таълиму тарбия алоқаманд аст. Дар ин фаъолият омӯзгор пеш аз ҳама, ба нақшаҳои таълим, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва роҳнамоҳои таълим такя мекунад.

Фаъолияти созандаи омӯзгор ҳангоми сохтани мундариҷаи нави таҳсил, ки ба хонандагон пешниҳод мегардад, зуҳур меёбад. Чуноне, ки маълум аст, барнома мундариҷаи таҳсилотро тариқи рӯйхати саволҳо аз рӯйи тартиби муайян бо нишон додани вақти тахминии омӯзиши онҳо фаро мегирад.

Кор бурдани омӯзгор дар самти таҳияи барнома ва қисматҳои он кори зарурии эҷодии ӯ мебошад, зеро барнома самтнамои меъёрии фаъолияти эҷодии омӯзгор аст

Омӯзгор вобаста ба вазъияти мушаххас ва шароити таълим масъалаи тақсимоти соатҳоро барои гузаштани мавзӯъҳо, пайдарҳамии онҳоро мустақилона ҳал намояд.

Барнома дар китоби дарсӣ инъикос меёбад, аммо таҷриба нишон медиҳад, ки аз рӯйи як барнома китобҳои дарсии гуногун метавонанд таълиф гарданд.

Омӯзгор, ки барои иҷрои барнома вазифадор аст, бояд имконияти ба нақша гирифтан, интихоб кардани китоби дарсиро дошта бошад. Аммо муҳимтар он аст, ки ӯ бояд норасоиҳоиро онро ҷуброн намояд, барои он ки хонандагон тамоми маводи барномаро аз худ кунанд, масъалаҳои мураккабро содатар баён созад. Эҷодкории омӯзгор метавонад ҳангоми кор бо китобҳои дарсӣ низ зоҳир гардад [1].

Л.Я. Зорина чунин меҳисобат, ки: “Омӯзгори эҷодкор, ки бо китоби дарсии хуб кор мекунад ва хоҳиши ба тарзи худ баён кардани маводро дорад, одатан, пайдарпаӣ ва мантиқи баёнро тағйир намедиҳад, тасвиятҳо (онҳоро дақиқ карда метавонад), замимаҳои илмӣ, тавзеҳи маводи намоишии китобҳои дарсӣ, ғояҳои ҷаҳоншиносии ӯ присипиалӣ мебошанд” [5].

Бо китоби хуби дарсӣ кор карда, омӯзгор чиро тағйир медиҳад?

Одатан ӯ дар ҷараёни баёни педагогӣ оғози нақл, намунаҳо, аёниятро инкишоф медиҳад, шумораи намоишҳоро зиёд мекунад, донишҳои таърихии илмӣ ва методологӣ илова менамояд, тасаввуроти ҷаҳоншиносонаро рушд бахшида, ҷанбаҳои арзишии илмро тавзеҳ медиҳад. Баъзан мантиқи хулосаҳои масъалаҳои ҷудогонаро дигаргун месозад. Омӯзгорони эҷодкор ба ҷамъбасти мавод, ки онро аксаран ҳамчун масъалаи алоҳида баррасӣ менамоянд, аҳамияти махсус медиҳанд.

Ба ибораи дигар, омӯзгори эҷодкор кӯшиш менамояд, ки маводи асосӣ ва иловагии дидактикиро тавре интихоб ва истифода кунад, то ки он барои фарогирии ҳаддалимкони маводи барнома, инкишоф ва тарбияи хонандагон мусоидат намояд ва дар ин замина шароити мушаххаси таълим ба ҳисоб гирифта шаванд [5].

Тарҳрезии фаъолияти минбаъдаро – хоҳ дарс бошад, хоҳ чорабинии беруназсинфӣ – ҳама гуна омӯзгор аз он оғоз менамояд, ки навъи фаъолияти дар пеш истодаро фикран ба нақша мегирад ва таҳия мекунад. Ба донишҳои педагогика, психология, методикаи таълим такя карда, омӯзгори эҷодкор кӯшиш менамояд, ки бо назардошти тамоми паҳлӯҳои фаъолияташ имконот ва эҳтиёҷоти хонандагонро низ ба ҳисоб гирад, роҳҳои нави ҳалли масъалаҳоро биҷӯяд. Коркарди нақшаи фаъолияти дар пешистода раванди эҷодӣ мебошад [9,с. 32- 41].

Барои дар амал татбиқ намудани гуфтаҳои боло, байни омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ (муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7 (8 нафар), 47 (5 нафар) - н. Деваштич) методикаи Э.Ф.Зеер “Фаъолият эҷодии Шумо дар чӣ зоҳир мегардад?”, гузаронида шуд. Аз натиҷаҳои методикаи мазкур чунин натиҷаҳоро боздид намудан мумкин аст:

- дар ташкили дарс– 19%.
- дар баҳси мавзӯи гузаштаистода- 26%.
- дар арзёбии мавзӯи дарс- 32%.
- дар ҳама самтҳои дарс- 23%.

Бояд гуфт ки ташкили ҳамкории эҷодӣ, такти педагогӣ, одоби педагогӣ, истифодаи технологияи навини таълим, аз маҳорати касбии омӯзгор вобастагии калон дорад.




Омӯзгори эҷодкор барои омӯзиш мавод интихоб карда, онро бо назардошти он фаъолияте, ки ба хонанда барои фаро гирифтани маводи омӯзишӣ зарур аст, нақшаи тарҳрезӣ менамояд. Маводро интихоб карда, омӯзгор методу воситаҳои беҳтарини корро дар дарс ҷустуҷӯй мекунад. Пас аз он, бо назардошти ҳадафҳои дарс воситаҳои ба мақсад мувофиқи дидактикӣ – расмҳо, диафилмҳо, порчаҳои кинофилмҳо, озмоишҳо ва ғ. интихоб менамояд.

Зимни интихоби мувофиқати беҳтарини амалҳои омӯзгор ва хонандагон дар тамоми порчаҳои омӯзиши маводи нав пешакӣ сари он фикр ронда мешавад, ки ба хонандагон чиҳо ва чӣ тавр хабар дода мешаванд, чӣ дикта мешавад, хонандагон кай ва чӣ тавр кор мекунанд, онҳо ба кадом саволҳо, дар кадом маврид ва бо кадом мақсад ҷавоб медиҳанд. Ин лаҳзаи душвортарин ва пурмасъулияти ба нақша гирифтан аст, зеро сатҳи самаранокии дарс аз ғалатҳое, ки омӯзгор дар ҳамин лаҳза роҳ медиҳад, паст мешавад.

Ниҳоят, ҳаҷми супориши хонагӣ, ки дар бораи мундариҷаи дарси оянда бояд тасаввуроти равшан ҳосил намояд, ҳамчунин тавзеҳи чигунагии иҷрои он пешакӣ фикр карда мешавад.

Ба нақша гирифтан бо ҷамъбасти натиҷаҳои дарс ба охир мерасад. Ин қисмати осон аст, ба шарте ки шаклу мундариҷаи дақиқи он дарёфт гардад.

Ҳамин тариқ, аз маводи бузурге, ки омӯзгор дар ихтиёр дорад, дар ҷараёни таҳлилу тахмин задан, ихтисори баъзе маводи фаръӣ тавлид мешавад. Дарс аввал дар нақшаҳо инъикос меёбад, ки барои омӯзгори эҷодкор, ба қавли В.А. Сухомлинский “ҳаддалимкон пешбинӣ кардани он чизест, ки бояд бошад ва он чизе, ки дар дарс ба миён омада метавонад”[13].

Омӯзгори эҷодкоре, ки барои ҳамкорӣ бо хонандагон кӯшиш мекунад, зимни таҳияи дарсҳо бачагонро ҷалб менамояд, ба хусус, вақте ки бо ӯ “активи таълимӣ” (ассистентон, мушовирон ва ғ.) фаъолона кор мекунанд. Фаъолияти ташкилӣ дар амалия татбиқ намудани лоиҳаҳои омӯзгор ва дар айни замон шарти тарҳрезии бештар мақсаднок ва воқеӣ мебошад.

*Фаъолиятии омӯзгор се ҷанбаро дар бар мегирад:*

1) ташкили фаъолияти хеш барои фарогирии мундариҷаи таҳсилот (баён, сӯҳбат, низоми донишҳо ва ғ.);

2) ташкили рафтори хеш (амали педагогӣ дар шароити воқеии фаъолият);

3) ташкили фаъолияти бачагон (гурӯҳӣ ва инфиродӣ)

Дар ҳақиқат, раванди таълим гӯё ки ду бор созмон меёбад – аввал ҳангоми тартиб додани нақшаи дарс, сипас дар ҷараёни амалӣ намудани тамоми ниятҳо дар дарс, яъне дар рафти ташкили худи дарс.

Дар раванди таълим омӯзгор ташкилкунанда ва роҳнамои фаъолияти маърифатии хонандагон аст. Низоми воситаҳои махсусро истифода бурда, ӯ кӯшиш менамояд, то машғулиятҳоро тарзе ташкил кунад, ки омӯзиши хонандагон оқилона ва пурмаҳсул сурат гирад. Ба ин ташкили мувофиқати шаклҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва фронталии омӯзиш, фанни

таълимӣ ва дигар чизҳо дахл дорад. Аммо шарти асосии фаъолияти муштарак пурмаҳсули омӯзгор ва хонандагон дар ҷараёни омӯзиш – ба миён гузоштани чунин вазифаҳое, ки муҳассилин аз ӯҳдаи иҷрои онҳо мебароянд ва барои фаъолияти маърифатӣ ва инкишофи тафаккурашон водор менамоянд.

Чуноне ки маълум аст, омили муҳими баланд бардоштани сатҳи самаранокии таълими мактаббачагон таъсири мутақобил дар низоми омӯзгор-хонанда, хонанда-омӯзгор, хонанда-хонанда мебошад. Нишондиҳандаи асосии муваффақияти ин ҳамбастагӣ ҳамкории муштараки омӯзгор ва хонанда аст.

Ба омӯзгор зарур аст, ки муошироти байниҳамдигарии бачагонро дуруст ба роҳ монад. Ба ин, чуноне ки як зумра муҳаққиқон қайд мекунанд ва таҷрибаи пешқадам собит менамояд, ташкили навъҳои гуногуни фаъолияти, маърифатии хонандагон (кори дукаса, гурӯҳӣ ва ғ.).

Татбиқи ин механизмҳои тарбиявӣ ба сатҳи донишҳо, маҳорату малакаҳои омӯзгор, ки барои ташкили дурусти муоширатро бо бачагон дар раванди таълиму тарбия ёрӣ мерасонанд, ҳамчунин ба маҳорати педагогии ӯ вобаста мебошад.

А.С.Макаренко маҳорати педагогиро ҳамчун "дониши ҳақиқии раванди тарбия", "маҳорати тарбия" тавсиф менамуд. Ба ақидаи ӯ асоси маҳоратро "ҳунармандӣ ва тахассус" ташкил медиҳанд [13].

Ҳамин тавр, махфӣ нест, ки ҳатто омӯзгорони баландихтисос дар муошират бо бачагони хурдсол душворӣ мекашанд. Хусусияти авторитарии раванди педагогӣ дар муносибатҳои байни омӯзгорон ва хонандагон ташаннуҷро ба миён меорад ва агар дар синф шароити мӯътадили равониву омӯзишӣ фароҳам оварда нашавад, ҳеҷ кадоме аз методҳои таълиму тарбия самарабахш нахоҳанд буд. Бинобар ин, равоншиносон ва педагогҳо беш аз пеш дар бораи бартарии ҳамкории педагогӣ нисбат ба таъсири педагогӣ сухан меронанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Бабанский,Ю.К.Интенсификация процесса обучения/Ю.К. Бабанский.- М.: Знание,1987. -96с.
2. Дадобоева,М.А.Педагогические условия подготовки будущих учителей к творческой деятельности в школе.Автореф.канд.дис...пед.наук / М.А.Дадобоева. - Душанбе.: 2010. – 20с.
3. Данилов, М.А. Процесс обучения в советской школе /М.А. Данилов .-М.: Учпедгиз, 1960.
4. Елканов, С.Б. Профессиональное самовоспитание учителя: Кн. для учителя / Елканов С.Б. - М.: Просвещение, 1986. -143 с.
5. Зорина ,Л.Я. Программа учебник – учитель / Л.Я. Зорина. - М.: 1989. С.37, С. 66-67.
6. Иванова, Н.Д. Педвузам – интегрированные курсы/ Н.Д. Иванова, Н.Н. Забежанская, А.К. Ким//Математика в школе.-1991.-№4.-С. 12-13.
7. Каримова, И.Х. Учитель-творец добра и прогресса/И.Х.Каримова,Ф.Шарифзода.– Душанбе, Ирфон, 2010. – 179 с.
8. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «Матбуот», 2003-23с.
9. Моносзон, Э.И. Методические и теоретические вопросы изучения, обобщения и использование педагогического опыта /Э.И.Моносзон.-М.:- Сов. педагогика, 1979. № 2. С.8.
10. Макаренко , А.С. Некоторые выводы из педагогического опыта / А.С. Макаренко. - Соч. Т.У. 1983.-334с.
11. Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.01.2017) Душанбе- 2017.-17 с
12. Профессия - учитель: (Беседа е молодыми учителями) Под ред. /В.Г.Онушкина, Р.Н.Кулюткина, С.Г. Вервшловского. -Москва, Педагогика, -1987. С. 82.
13. Сухомлинский, В.А. Сто советов учителю / В. А. Сухомлинский. -Киев: Рад. шк., 1984.- 254 с.
14. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф. Шарифзода, М. Миралиева.-Душанбе «Ирфон». 2012. - 561с.
15. Шаропов, Ш.А. Муошират ва худшиносӣ / Ш.А.Шаропов.- Хуҷанд: Меъроҷ.2017.-304с.


## REFERENCES:


1. Babansky Yu.K. Intensification of learning process/Yu.K.Babanian.-M.:Znanie,1987. -96p.
2. Dadoboeva M. A. Pedagogical conditions for the preparation of future teachers for creative activity at school. Abstract of Cand.Ped. Siences / M.A. Dadoboeva. - Dushanbe.: 2010. – 20p.
3. Danilov MA The learning process in the Soviet school / M.A. Danilov. -M.: Uchpedgiz, I960.
4. Fucks S.B. Professional teacher self-education: Teachers' book / Yareknov S.B.- M.: Prosveshenie, 1986. -143 p.
5. Zorina L.Ya. Program Tutorial - Teacher / L.Ya. Zorin.- M.: 1989. p.37, p. 66
6. Ivanova N.D., Teacher training schools - Integrated Courses / N.D. Ivanova, N.N. Runny, A.K.

Kim. Matematika v Shkole - 1991.-№4.-p.12
7. Karimova I.Kh. Teacher, a builder of good and progress / I.K. Karimova, F. Sharifzoda. - Dushanbe, Irfon, 2010. - 179 p.
8. National concept of education in the Republic of Tajikistan. Dushanbe, «Matbuot», 2003-23p.9.
9. Monoszon E.I. Methodical and theoretical issues of studies, generalization and use of pedagogical experience / EI monosone.-M.: - Sovetskaya Pedagogica, 1979. No. 2. P.8.
10. Makarenko A.S. Some conclusions from pedagogical experience / A.S. Makarenko. - op. THAT. 1983.-334p.
11. Regulations on pedagogical practice of higher education institutions of the Republic of Tajikistan. (Decision of the Board of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan from 28.01.2017) Dushanbe- 2017.-17 p.
12. Profession - Teacher: (conversation E young teachers) Ed. /V.G.ONushkin, R.N. Kulytkin, S.G. Verpshlovsky.-Moscow, Pedagogika, -1987. P. 82.
13. Sukhomlinsky V.A. One hundred councils for a teacher / V. A. Sukhomlinsky.- Kyiv: Rad. Shk., 1984.- 254 p.
14. Sharifzoda F.General and professional pedagogy/F. Sharifzoda, M. Miralieva. - Dushanbe Irfon. 2012. - 561p.
15. Sharopov Sh.A. Communication and self-knowledge/Sh.A.Sharopov.- Khujand: Meroj.2017.- 304p.